Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи "Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ.

Мубрамияти мавзӯъ шубҳае надорад, зеро бемории сил яке аз бемориҳои зоонозии хавфнок буда, ҳам ба соҳаи чорводорӣ ва ҳам ба саломатии аҳолӣ зарари ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ мерасонад. Муаллиф вазъи эпизоотии бемории сили ЧКШ-ро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаи Кӯлоб, бо далелҳои оморӣ ва таҳлилӣ ба таври муфассал нишон додааст.

Бемории сили ҳайвонот, хусусан дар чорвои калони шохдор, барои хоҷагиҳои чорводорӣ дорои аҳамияти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, зеро он боиси коҳиш ёфтани маҳсулнокии ҳайвонот (камшавии шир, афзоиши сусти вазн, паст шудани қобилияти такрористеҳсолӣ), зиёд гардидани хароҷот барои ташхис, табобат ва чорабиниҳои байторию беҳдоштӣ, инчунин талафоти мустақим дар натиҷаи забҳи маҷбурии ҳайвоноти бемор мегардад. Илова бар ин, паҳншавии беморӣ маҳдудиятҳои карантинӣ, коҳиши гардиши маҳсулоти чорводорӣ ва паст шудани эътимоди бозорро ба бор оварда, ба даромади хоҷагиҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, сили ҳайвонот ҳамчун бемории зоонозӣ хатари сироятёбии аҳолӣ, махсусан кормандони хоҷагиҳои чорводорӣ ва истеъмолкунандагони маҳсулоти ҳайвонотро зиёд намуда, аҳамияти чораҳои саривақтии пешгирӣ ва муборизаро барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи саломатии ҷомеа боз ҳам муҳим мегардонад.

Қобили қайд аст, ки дар кори мазкур масъалаи норасоии дақиқии ташхиси туберкулинӣ дар натиҷаи сенсибилизатсия бо микобактерияҳои ғайрисилӣ хеле асоснок баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои муосир, аз ҷумла санҷиши симултанӣ бо ППД-туберкулин ва ММҒ (КАМ), инчунин аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП), роҳҳои боэътимоди тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихосро пешниҳод намудааст.

Навгониҳои илмии тадқиқот дар он ифода меёбанд, ки бори аввал дар шароити Тоҷикистон самаранокии усули фаврии санҷиши симултанӣ бо кам

кардани шумораи ҳайвоноти беасос барои забҳ исбот гардидааст. Натиҷаҳои амалӣ бо таҳияи дастурамал, патент ва тавсияҳои методӣ тасдиқ мешаванд.

Автореферат бо услуби илмӣ, пайдарпай ва бо забони фаҳмо навишта шуда, мақсад, вазифаҳо, навгониҳо ва хулосаҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда пурра аз натиҷаҳои тадқиқот бармеоянд.

Хулоса: Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 мебошад.

Тақризиҳанда:
Ноиби президенти АИКТ,
д.и.б., узви вобастаи АИКТ Амиршозода Ф.С.
13.12.2025г.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кучаи Фирдавсӣ 70 ҳуҷраи 10
Tel.: (+992) 208454564
E-Mail: afaizullo64@mail.ru

Имзои Амиршозода Ф.С.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо Ганиева Г.Э.

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 “А”.
Tel./Fax.: (+992-37) 221-70-04
E-Mail: aikt91@mail.ru

13.12.2025г.